# АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Бо Фармоиши Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.04.2010. № 13, тасдиқ карда шудааст.**

ДАСТУРАМАЛИ мухтасар
оид ба пур кардани ҳисоботи давлатии
омории 2 – саёҳат(туризм)

Банди 1. Банди мазкур нишондодро оид ба объектҳои туристие, ки дар тавозуни ташкилотҳои туристӣ қарор доранд, маълумот талаб менамояд. Иттилооти мазкур барои муайян намудани инфрасохторе, ки ба ташкилотҳои туристӣ тааллуқ дорад зарур мебошад. Дар банди мазкур объектҳои туристие, ки ширкатҳои туристӣ бо онҳо тавассути шартнома (қарордод, созишнома) ҳамкорӣ менамоянд дарҷ карда намешаванд.

Банди 2. Маълумот оид ба миқдори туристони хориҷие, ки тавассути ширкати туристӣ хизмат расонида шудаанд, барои дақиқ кардани гардиши туристӣ ва таҳлили тамоюли фаъолнокии касбӣ ва иқтисодии муассисаи туристӣ, лозим мебошад.

Банди 3. Иттилооти дастрасшуда тибқи банди мазкур барои омӯзиш ва таҳлили ҷуғрофияи ташрифоти туристони хориҷӣ асос медиҳад.

Банди 4. Банди мазкур барои таҳлили воситаҳои иттилоотие, ки тавассути он туристони хориҷӣ ба ташкилотҳои туристии мамлакат тамос мегиранд, лозим аст.

Банди 5. Нишондиҳанда тибқи банди мазкур барои дақиқ кардани ҳаҷм ва намудҳои мушаххаси хизматрасониҳое, ки ширкатҳои туристӣ ба туристон мерасонанд, мусоидат менамояд.

Банди 6. Нишондод оид ба давраи будубоши туристони хориҷӣ барои муайян кардани давомнокии саёҳати туристон ва мувофиқан саҳми онҳо дар пешбурди иқтисодиёти миллӣ, зарур маҳсуб меёбад.

Банди 7. Маълумот аз рӯи банди мазкур намуди туризме, ки аз ҷониби туристони хориҷӣ бештар истифода мегардад муайян менамояд.

Банди 8. Нишондод оиди роҳҳои ташрифоти туристони хориҷӣ ба кишвар барои муайян кардани хатсайрҳои асосии воридшавии туристон муҳим мебошад.

Банди 9. Маълумот аз рӯи ин банд барои муайян намудани минтақаҳои қобили таваҷҷӯҳи туристони хориҷӣ, мусоидат менамояд.

Банди 10. Иттилооте, ки аз банди мазкур дастрас мегардад, барои муайян намудани кишварҳои асосие, ки туристони ватанӣ ба онҳо ташриф меоранд, кӯмак менамояд.

Банди 11. Ин маълумот аз рӯи ин банд ҷуғрофияи ташрифоти туристони ватаниро ба хориҷа муайян месозад.

Банди 12. Иттилоот оиди мақсади сафари шаҳрвандони ватанӣ ба хориҷа барои таҳлили намудҳои хизматрасонии туристӣ дар хориҷа кӯмак мерасонад.

Банди 13. Нишондиҳанда оиди банди мазкур барои дақиқ кардани ҳаҷм ва намудҳои мушаххаси хизматрасониҳое, ки ширкатҳои туристӣ ба туристон пешниҳод менамоянд, мусоидат мекунад.

Банди 14. Нишондод оиди роҳҳои сафари туристони ватанӣ ба хориҷа барои муайян кардани хатсайрҳои асосии сафари туристон муҳим мебошад.

Банди 15. Маълумот оид ба миқдори туристони ватание, ки тавассути ширкати туристӣ хизмат расонида шудаанд, барои дақиқ кардани гардиши туристӣ ва таҳлили тамоюли фаъолнокии касбии иқтисодии муассисаи туристӣ дар ҳудуди кишвар лозим мебошад.

Банди 16. Маълумот аз рӯи банди мазкур намуди туризме, ки аз ҷониби туристони ватанӣ бештар истифода мегардад муайян менамояд.

Банди 17. Банди мазкур фаъолнокии иқтисодии ташкилоти туристиро муайян намуда, барои таҳлили вазъи молиявии ташкилот, мусоидат менамояд.

Банди 18. Нишондод аз рӯи банди мазкур барои муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти касбии ширкати туристӣ аз рӯи хизматрасониҳои соҳавӣ мусоидат менамояд.

Банди 19. Маълумот аз рӯи банди мазкур тамоми пардохтҳое, ки ташкилоти туристӣ аз рӯи намудҳои мухталиф ба буҷаҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ дар давраи ҳисоботӣ супоридаанд, муайян намуда, саҳми онҳоро дар инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар нишон медиҳад.